# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Султонзода Исмоил Сафаралӣ дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст .

1. Дар ҳама давру замонҳо солимии инсон ҳадаф ва самти асосии рушди ҳар як кишвар маҳсуб ёфта, таърихи ҷаҳон ба таври боварибахш собит сохтааст, ки афзалияти асосии ҳаёти инсон ва тамоми инсоният саломатӣ аст. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда, барномаҳои миллиеро амсоли Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 қабул кардааст, ки бомаром амалӣ мешавад. Ҳадафи он беҳбуд бахшидан ба саломатии шаҳрвандони Тоҷикистон, афзоиши теъдоди афроди ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба таври доимӣ машғулшаванда, истеъмоли ғизои аз ҷиҳати экологӣ дуруст ва даст кашидан аз навъҳои гуногуни маводҳои нашъаовар ва психостимуляторҳо мебошад.

Мутаассифона, шумораи одамони солим дар ҷаҳон мунтазам дар ҳоли коҳиш ёфтан аст. Шумораи беморони гирифтори бемориҳои музмини аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятдошта дар байни аҳолӣ, махсусан, ҷавонон меафзояд.

Аз ин рӯ, имрӯз масъалаи дар насли наврас ташаккул додани ҳавасмандӣ ба тарзи ҳаёти солим хеле муҳим гаштааст. Ин кор на фақат ба зиммаи ташкилотҳои самти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, нигаҳдории тандурустӣ, балки, пеш аз ҳама, ба ухдаи муассисаҳои таълимӣ, ки ба таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон машғуланд, вогузор аст. Ҳамакнун ин корро дар байни хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фаъолона ба роҳ мондан лозим аст.

Бояд таъкд сохт, ки ҳифзи саломатӣ аз ҷумлаи салоҳиятҳои асаии ҳар шаҳрванди ҷомеа ба шумор рафта, мақсади он нигаҳдории сатҳи баланди саломатии ҷисмонӣ мебошад. Сарфи назар аз корҳои ба нақша

гирифташуда дар ин самт, таҳқиқоти басомонрасонидаи унвонҷӯй Султонзода Исмоил ошкор кардааст, ки муносибати ҷавонон ба саломатии худ дар сатҳи паст қарор дорад ва вобаста ба ин довталаб хеле бамаврид таъкид кардааст, ки ҷиҳати ташаккули тарзи ҳаёти солим, рушди ангезаҳо ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба хонандагони синфҳои болоӣ бояд аз тарафи коллективи педагогии муассисаҳои таълимӣ, ки рафтори солимгардонии хонандагонро таъмин менамояд, пайваста ёрии зарурӣ расонида шавад. Зеро машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хонандагони синфҳои болоиро барои ҳифз ва нигоҳдории саломатии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва психологии худ ҳавасманд мекунанд.

Бинобар ин, ҳадафи муҳими кори педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти умумии муосир бояд ҷустуҷӯи муҳтавои нав ва равишҳои татбиқи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими насли наврас бошад.

Довталаб хеле дурус ва бомаврид изҳор кардааст, ки "... муҳим он аст, ки саломатӣ ва фаъолияти ҷисмонӣ як қисми ҳаети ҳаррӯзаи хонандагони синфҳои болоӣ гардад, на ҳамчун фанни ҳатмии мактаб. Танҳо равиши ҳамаҷонибаи муттаҳидсозии омӯзиш, амалия ва фароҳам овардани муҳити дастгирӣ метавонад ба ташаккули одатҳои устувори ҷавонон, ки якумрӣ боқӣ мемонанд, мусоидат кунад".

Дар асоси ин, мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии мо бо зарурати омӯзиши муҳимтарин масъалаҳои назария ва методикаи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ шарҳ дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки талабот ба зарурати омӯзиши муҳимтарин масъалаҳои назария ва методикаи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ вобаста ба ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагон рӯз то рӯз меафзояд. Ҳалли ин мушкилот аз бисёр ҷиҳат аз фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ вобаста аст.

Аз ин нуктаи назар, зарурияти таҳқиқи масоили назария ва методикаи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз мубрамӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ

доштани таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Султонзода Исмоил шаҳодат медиҳад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи муштараки кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 17.09.2024, № 1/1).

Дар хулосаи ҷаласаи муштараки кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ таҳқиқу таҳлил ва баррасӣ карда шудааст.

Технологияҳои педагогии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда хонандагони синфҳои болоиро ба рафтори ҳифзи саломатӣ ҳавасманд намуда, онро ба яке аз арзишҳои асосии зиндагии онҳо табдил медиҳад ва ба рушди шахсии хонандагон (на танҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ, балки маънавӣ, зеҳнӣ, психологӣ, иҷтимоӣ) мусоидат хоҳад кард.

Маҷмуи маводи дидактикии аз ҷониби муаллифи диссертатсия коркард ва ироашуда, аз қабили усулҳои ақлонӣ, тамрини «Формулаи саломатӣ», машқҳои психогимнастикӣ ва методикаи рушди муошират хонандагони синфҳои болоӣ хусусияти универсалӣ дошта, барои ташкили корҳои амалӣ дар сатҳҳои ташаккул ва рушди салоҳиятҳои ҳифзи саломатии насли наврас ва ҷавонон мувофиқанд.

Имкониятҳои технологияҳои муосири рақамӣ, гаҷетҳо ва дигар воситаҳои техникӣ, ки дар таҳқиқот тавсиф шудаанд, барои дарки равишҳои интихоби бошууронаи тарзи ҳаёти солим, ҳавасманд кардани ҷавонон ба муносибати мусбат нисбат ба саломатӣ маводи нав фароҳам меоварад.

Маҷмуи воситаҳои меъёрию ташхисие, ки унвонҷӯй таҳия намудааст, дар амал санҷида шуда, омӯзгорон метавонанд аз онҳо истифода намоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро мумкин аст дар ҷараёни дарсҳо аз фанҳои гуногун, тадбирҳои берунаазсинфии маърифативу тарбиявӣ - шабнишиниву конференсияҳо, озмун машғулиятҳои иловагӣ ва амалан дар раванди баргузории тадбирҳо оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагон, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонии муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотии унвонҷӯён ва донишҷӯён ба таври густурда истифода намуд.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;), *банди 5* – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани онҳо; асоҳҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия;) ва ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2) мутобиқат мекунад.

4. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳҳои гуногун, семинарҳои илмӣ-методӣ ва ҷаласаҳои кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он, ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ироа шуда, муҳокима ва тасвиб шудаанд. Маводи таҳқиқотӣ дар раванди чорабиниҳои таълимиву тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки корҳои таҷрибавию озмоишии таҳқиқот он ҷо баргузор гардиданд, ҷорӣ ва

роҳандозӣ карда шудаанд, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 6 номгӯй мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй мақолаҳои илмӣ дар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ нашр шудаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафаралӣ тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафаралӣ дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Данғара;**

в) ба сифати муқарризони расмӣ: **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МТД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва **Намозов Тошқул** – номзади илмҳои пеадагогӣ, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон

ба номи С. Айнӣ таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Л.Т. Рӯзиева

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ — М. Иззатова

Номзади илмҳои педагогӣ — С. Давлатзода

*Имзои Л.Т. Рӯзиева, М. Иззатова ва С. Давалтзодаро тасдиқ мекунам*

Нозири кадрҳои АТТ
Ҷ.М. — М. Саидова

31.10.2024